**ПРОТОКОЛИ № 6**

ҷаласаи Шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ш. Душанбе 29.01.2024

**Иштирок доштанд:**

Мудири шуъба д.и.ҳ., дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ., сарходими илмӣ д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р., ходимони пешбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., н.и.ҳ. Қодирзода Т.Қ., ходими илмӣ: Фозилов М.М., ходими хурди илмӣ Абдуразоқов К.Б.,, инчунин д.и.ҳ., профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шарофзода Р.Ш. ва мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б., лаборанти калони шуъба Нуралиева Б.Ё.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

**Муҳокимаи рисолаи Қодирзода Т.Қ., барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар мавзуи “Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

Раисикунанаи ҷаласа сарходими илмии шуъба д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р. кори ҷаласаро оғоз намуда, қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Қодирзода Т.Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар мавзуи “Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партдави ислоҳоти судӣ-хуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баъд аз коркарди иловагӣ ва мукаммал гардидани он ба муҳокимаи ҷаласаи шуъба ворид гардидааст. Мушовири илмӣ – д.и.ҳ., дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Дар бораи таҳқиқотҳои анҷомёфта вобаста ба такмили рисола сухан ба мушовири илмӣ – д.и.ҳ. дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ. дода мешавад.

Бобоҷонзода И.Ҳ., изҳор кард, ки рисолаи пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Қодирзода Т.Қ. барои омӯзиш ва пешниҳод намудани таклифу пешниҳодҳо ба д.и.ҳ., профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шарофзода Р.Ш., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р. ва мудири шуъбаи таъихи давлат ва ҳуқуқи ИСФҲ д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б. пешкаш гардида буд. Баъди аз ҷониби устодони мазкур мавриди омӯзиш қарор гиифтани рисола, ҷаласаи шуъба рӯзи 16 январи соли 2024 гузаронида шуд

ва Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Нематов А.Р., Буризода Э.Б. пешниҳоду эродҳои худро нисбат ба такмил додани рисолаи илмӣ изҳор карданд. Аз ҷониби унвонҷӯ Қодирзода Т.Қ. эродҳои пешниҳодгардида, дар муддати зиёда аз ду моҳ мавриди баррасӣ ва коркарди иловагӣ вобаста ба мукаммал гардонидани таҳқиқот, қарор дода шуда, ҳамаи эродҳои пешниҳодгардида аз ҷониби унвонҷӯ ба назар гирифта шуда, рисола такмил ёфта, он шакли мукаммал дорад. Унвонҷӯ дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди таҳқиқ қарор дода, сохтор, усули ва навишти рисолаи докторӣ хуб гардонида шудааст. Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ барои муҳокима ва пешниҳод намудан ба шурои диссерртатсионӣ омода шудааст. Аз ходимони илмии шуъба ва олимоне, ки дар омӯзиш ва пешниҳоди эродҳо иштирок доштанд, хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намуда, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Унвонҷӯ Қодирзода Т.Қ. баромад намуда, изҳор кард, ки пешниҳоду эродҳои дар ҷаласаи пешина ҷиҳати такмил додани рисола пешкаш шуда буданд, барои боз ҳам беҳгардидани рисола ва такмил ддани он ба инобат гирифта шуданд. Аз ҷумла, эродҳои д.и.ҳ., дотсент Нематов А., оид ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ, олимони тоҷик, ки дар соҳаи шуури ҳуқуқӣ кор кардаанд, зиёдтар истифода шаванд, д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш., ки ҳаҷми рисола каме зиёдтар шудааст, боби 2-и он ки “Фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиккунии судӣ”, ном дорад хеле васеъ буда, дар он олимони тоҷик кам истифода шудааст. Ҳамчунин дар рисола калимаҳои нофаҳмо ва мураккаб ба чашм мерасанд, ки бояд ислоҳ карда шаванд ва навовариҳои илмӣ ва нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, бояд мушаххас карда шаванд, д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б., эрод гирифта буданд, ки баъзе калимаҳо дар рисола аз назари ӯ нофаҳмо мебошанд, ки ислоҳро металабанд. Дигар он ки бояд таҳқиқотҳои олимони тоҷик, оид ба мавзуи рисола зиёдтар истифода шаванд. Дар заминаи ин эродҳо рисола таҳриру такмил дода шуда, дар матни рисола таҳқиқотҳои монографии олимони тоҷик: Усмонов О.У., Тоҳиров Ф.Т., Ойгензихт В.А., Менглиев Ш.М., Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Насриддинзода Э.С., Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Бобоҷонзода И.Ҳ., Азиззода У.А., Нематов А.Р., Буризода Э.Б., Ғаюров Ш. ва дигарон мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Илова бар ин, вобаста ба эродҳои гирифташуда, ҳаҷми рисола қариб 200 саҳифа кам карда шуда, баъзе аз ҷанбаҳои илмии таҳқиқот мушаххас карда шуданд.

Дар баромади худ профессор Шарофзода Р.Ш. қайд кар, ки эродҳои дар ҷаласаи пешина зикршуда, ба назар гирифта шуда, ҳаҷми он аз 564 ба 400 саҳифа расонида шуда, бо дарназардошти дигар эродҳо диссертатсия такмил ёфта, мукаммал шудааст ва профессор Шарофзода

Р.Ш. пешниҳод намуд, ки рисола барои ҳимоя ба Шурои илмӣ пешниҳод карда шавад.

Профессор Холиқзода А.А. дар баромади худ пешниҳоди профессор Шарофзода Р.Ш.-ро тарафдорӣ карда, қайд намуд, ки рисолаи ба муҳокима пешниҳодгардида, мукаммал гардида, барои ба Шурои илмӣ пешниҳод гардидан омода мебошад.

Профессор Буризода Э.Б., баромад карда иброз намуд, ки эродҳои пешниҳогардида ба назар гирифта шуда, рисола хело такмил ёфта, мукаммал шуда, барои Шурои илмӣ пешниҳод гардидан тайёр аст.

Д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р., низ баромад карда, баромадкунандагонро дастгирӣ намуда, изҳор кард, ки рисола бо назардошти эродҳои дар ҷаласаи пешина гуфташуда, такмил ёфта, назарияҳои илмӣ зикр шуда, мукаммал гардидааст ва он барои ҳимоя ба Шурои илмии диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Раисикунандаи ҷаласа, сарходими шуъба д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р., лоиҳаи хулосаи шуъбаро барои ба ҳимоя пешниҳод намудани рисолаи доктории унвонҷӯ Қодирзода Т.Қ. қироат намуд. Лоиҳаи хулоса аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласаи шуъба ҳамаҷониба ҷонибдорӣ карда шуда, якдилона овоз дода шуд.

Дар натиҷаи муҳокима,-

**қарор қарда шуд:**

Рисолаи доктории Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи "Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", мушовири илмӣ д.и.ҳ., дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ҳамчун рисолаи илмӣ, ки ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Раисикунандаи ҷаласа Нематов А.Р.

Котиб Нуралиева Б.Ё.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ